**Протоколи №33-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 22-юми августи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар, 5 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "2"-юми феврали соли 2026, №53/шд тасдиқ шудааст, 16 иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.